*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №51 (2878) | СЕШАНБЕ, 24 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Маҷлиси васеи Ҳукумат

**20 апрели соли 2012 дар толори калони Кохи Ваҳдати пойтахт таҳти раёсати Президенти кишвар, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумат баргузор гардид, ки дар он натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи якуми соли равон ва вазифаҳои минбаъда баррасӣ шуд.**

Дар маҷлиси васеи Ҳукумат бори нахуст беш аз 1300 нафар иштирок намуд. Ба кори он дар баробари аъзои Ҳукумат ва масъулони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ҳамчунин роҳбарони раёсату шӯъбаҳои маориф, кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ аз маҳалҳо ва роҳбарияти як зумра корхонаю ширкатҳои хусусӣ даъват шуда буданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии таҳлилии худ аз натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар давраи ҳисоботӣ, дар маҷмӯъ, изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон барои бартараф намудани як қатор камбудиҳои мавҷуда дар назди масъулини ҷумҳуриявию маҳаллӣ вазифаҳои мушаххас гузошт.

Зикр гардид, ки ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар се моҳ ба 5,6 миллиард сомонӣ ва афзоиши он ба 7,2 фоиз баробар шуд. Ҳаҷми таваррум бошад, 1,2 фоизро ташкил дод. Ба Буҷети давлатӣ 2 миллиард сомонӣ ворид шудааст, ки ин ба 104 фоизи нақшаи даромадҳо баробар буда, нисбат ба семоҳаи якуми соли 2011-ум 312 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ба масъулин доир ба иҷрои нақшаи минбаъдаи даромад ба буҷети давлатӣ, пардохти саривақтии маошу нафақа, аз ҷумла бо назардошти афзоиши имсолаи он, ба низом даровардани тартиби таъиноти нафақа, бахусус нафақаҳои маъюбӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, муҳайёсозии ҷойҳои корӣ, тезонидани киштукори баҳорӣ, омодагӣ ба кишти такрории заминҳои обӣ, ду ва зиёда ҳосил рӯёнидан ва ҳамчунин барои аз ҳозир захира намудани озуқаворӣ, маводи сӯхт ва хӯроки чорво барои зимистони оянда, супоришҳои мушаххас дода шуд.

Бори дигар таъкид гардид, ки ҳар як хонавода ва ҳар як субъекти хоҷагидорӣ бояд захираи дусолаи маводи зарурӣ дошта бошанд. Ба корхонаҳои саноатӣ дастур дода шуд, ки то охири соли равон пурра ба истифодаи ангишт ва дигар сӯзишвориҳои алтернативӣ гузаранд.

Доир ба натиҷаҳои семоҳа ахбори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва як қатор шаҳру ноҳияҳо низ шунида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди онҳо доир ба тармиму навсозии роҳҳои мошингарди марказҳои шаҳру ноҳияҳо, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва муҳайёсозии ҷойҳои корӣ, ба низом даровардани тақсимоти замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ва вусъат додани дигар корҳои ободонию созандагӣ вазифаҳои мушаххас гузошт.

Таъкид гардид, ки барои тозаю озода кардани муҳити зист рӯзҳои 28-ум ва 29-уми апрел ҳашари умумиҷумҳуриявӣ эълон карда шавад.

***www.prezident.tj***

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон





Суратгир А. ИСОЕВ

**23 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро қарор қабул кард.

Масъалаҳои нахустини рӯзномаро - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Созишномаи грантӣ (Амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба Лоиҳаи беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (CAREC- коридори 3)» муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Х. Ҳакимова, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов ба муҳокимаи аъзои Шӯро манзур намуданд.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар бораи доир намудани муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва семоҳаи аввали соли 2012 ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти рақами 612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2014» ва «Дар хусуси пас гардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯии энергия ва самарабахшии энергия», бо назардошти фикру мулоҳизаҳои баёнгардида, таври алоҳида қарорҳо қабул намуд.

Доир ба масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо», ки онҳоро мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмон Охунов барои баррасӣ пешниҳод намуд, қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд. Тибқи муқаррароти ин қарорҳо, масъалаҳои мазкур барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи сафари хизматии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои гузаронидани вохӯриҳо бо интихобкунандагон оид ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқи ҳайати намояндагии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо», «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Ҳамзамон дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар масъалаҳои марбути фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифт.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 28 декабри соли 2011 № 636**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №287**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 211 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ. 1, мод. 688; мод. 689; с.2005, №12, мод. 629; с.2006, №7, мод. 341; №12, мод. 543; с. 2007, №3, мод. 172; №7, мод. 668; с. 2008, №3, мод. 195; №6, мод. 445; с.2009, №3, мод. 86; №5, мод. 332; №12, мод. 823; с.2010, №7, мод.559; №12, қ. 1, мод. 824; мод. 826), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- банди 2) қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2) хизматрасонии молиявӣ, аз ҷумла таҳвили молу мулки моддии истеҳлокшаванда, ки тибқи амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг) мутобиқи моддаи 33 Кодекси мазкур амалӣ мешавад, ба истисноӣ молу мулки ғайриманқул, автомобилҳои сабукрав ва мебел;»;

- ба банди 4) қисми 4 баъд аз калимаҳои «(ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне бе онҳо кори таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ имконнопазир аст)» калимаҳои «, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)», баъд аз калимаҳои «ситонида шавад» калимаҳои «, ба истисноӣ воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» ва баъд аз калимаҳои «пешниҳод карда мешавад» калимаҳои «, ба истисноӣ воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №813**

## Гратсиану пешниҳоди Қосим Қосимовро пазируфт

**21 апрели соли 2012 дар доираи Конфронси 37-уми байналмилалии ФАО дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Миёна вохӯрии вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосим Қосимов бо сарвари кулли ин ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ Гратсиану да Силва баргузор гардид.**

Зимни сӯҳбат Қосим Қосимов доир ба мавқеи устувори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи татбиқи батадриҷи ислоҳоти аграрӣ, ки бо принсипҳои ФАО ҳамоҳанганд, чунин гуфт:

«Вазорати кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони ҳамкор барои рушд ва миёнаравии ФАО ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ тӯли се соли охир Барномаи ислоҳоти бахши аграрии Тоҷикистонро таҳия намудааст, ки стратегияи рушди соҳаи кишоварзиро барои даҳсолаҳо муайян мекунад». - Нуқтаи олии ҳамкории Вазорати кишоварзӣ ва ФАО, - зикр намуд Қосим Қосимов, – аз Конфронси байналмилалӣ доир ба «Барномаи ислоҳоти бахши аграрии Тоҷикистон» бармеояд, ки соли гузашта дар шаҳри Душанбе гузаронида шуда буд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар кори он иштирок намуда, мақсади ниҳоии ислоҳоти кишоварзиро дар ҷумҳурӣ на танҳо аз таъмини амнияти озуқаворӣ, балки афзудани қудрати содиротии мамлакат ва бо ин роҳ баланд бардоштани сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва некуаҳволии мардум вобаста донист.

Бо ин мақсад дар рафти сӯҳбат таъкид гардид, ки барои татбиқи ин барномаи дарозмӯҳлат Тоҷикистон ба кӯмаку миёнаравии ФАО байни Ҳукумати Тоҷикистон ва кишварҳои маблағгузор, яъне давлатҳои ҳамкор барои рушд, ниёз дорад.

Дар навбати худ Гратсиану да Силва аз мавқеи пайгиронаи Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи ислоҳоти аграрӣ пазироӣ намуда, ваъда дод, ки масъалаи мазкур дар Шӯрои олии ин ташкилот дар Рим - пойтахти Италия баррасӣ хоҳад шуд.

***АМИТ «Ховар»***

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 29 феврали соли 2012 №700**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №282**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод.159; №7-8, мод. 609), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз қисми 4 моддаи 34 калимаҳои «вазнин ва» хориҷ карда шаванд.

2. Дар қисми 1 моддаи 62 калимаҳои «, айбдоршаванда ё судшавандаро» ба калимаҳои «ё айбдоршавандаро» иваз карда шаванд.

3. Ба қисми 9 моддаи 111 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Суде, ки чунин қарорро қабул кардааст, бояд на дертар аз рӯзи дигари ба охир расидани ин мӯҳлат шикоят ё эътирозро якҷоя бо мавод ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол намояд.».

4. Дар моддаи 310:

- қисми 7 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«7. Гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур қатъ намудани пешбурди парвандаро истисно намекунад.»;

- қисми 7 қисми 8 ҳисобида шуда, ба он пас аз калимаҳои «эълони ҳукм» ва «тартиби аз ҳукм» калимаҳои «ё таъинот» илова карда шаванд;

- қисми 8 қисми 9 ҳисобида шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №809**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 1 феврали соли 2012 №672**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №278**

**Моддаи 1.** Дар қисми 4 моддаи 23 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190; №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552; №12, қ. 1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443), калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии» ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №805**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»**

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 1 феврали соли 2012 №676**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №280**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 «Дар бораи яроқ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №4, мод.57; с. 2001, №4, мод. 152; с.2003, №4, мод.143; с.2004, №12, қ.1, мод.695; с.2005, №3, мод. 115; №12, мод.645; с.2006, №7, мод.338; с.2007, №5, мод. 360; с.2009, №7-8, мод. 492; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011, №777) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- ба қисми сеюм баъд аз калимаҳои «ярокҳои пневматикиро» калимаҳои «, ба истисноии таппончаҳои пневматикӣ,» илова карда шаванд;

- ба қисми чорум баъд аз калимаҳои «ҳақ доранд» калимаҳои «таппончаи пневматикӣ ва» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №807**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 28 декабри соли 2011 №644**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №288**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи стандартонӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 827) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати шашуми моддаи 4 калимаҳои «фонди стандартҳои давлатиро» ба калимаҳои «фонди давлатии стандартҳоро» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 10:

-қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Огоҳинома дар бораи тасдиқ ё бекор намудани стандартҳои давлатӣ бояд дар нашрияи расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ интишор гардад.»;

- қисми 5 хориҷ карда шавад.

3. Ҷумлаи сеюми қисми 1 моддаи 13 хориҷ карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №814**

# Истеҳсол ва коркарди мева беҳтар мегардад

Дар шаҳри Хуҷанд ҷаласаи дуюми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа роҳбарони сохторҳои мақомоти давлатии вилоят, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, роҳбарони корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва соҳибкорон иштирок намуданд.

Раиси вилоят Қоҳир Расулзода дар ҷаласа иштирок намуда, зикр дошт, ки соҳаи истеҳсол ва коркарди меваю сабзавот яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилоят буда, дар содирот саҳми босазо дорад.

-Вале солҳои охир соҳа ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардида, истеҳсол ва содироти маҳсулоти меваю сабзавот, бахусус консерва дар қаламрави вилоят коҳиш ёфтааст, - зикр намуд раиси вилоят.

Соли 2001-ум дар вилоят ба миқдори 118,9 миллион қуттии шартӣ маҳсулоти консервагӣ истеҳсол шуда бошад, пас дар соли 2011 ин рақам то 42,2 миллион қуттии шартӣ кам шудааст. Содироти маҳсулоти консервагӣ соли 2011 нисбат ба соли 2006-ум 7,2 маротиба коҳиш ёфтааст. Ҳамчунин солҳои охир содироти меваи хушк низ рӯй ба пастравӣ овардааст, ки боиси ташвиш мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ба маҳсулоти меваю сабзавоти истеҳсолшавандаи вилоят дар хориҷи кишвар, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва мамолики Аврупо талабот зиёд аст. Ҳарчанд дар аксари ин минтақаҳо соҳибкорони вилоят бозори худро бо мавқеи устувор ва нишони сифат пайдо намудаанд, дар мавриди содироти маҳсулот муаммою монеаҳо ҷой доранд.

Дар вилоят тайи солҳои охир якчанд корхонаҳои коркарди меваи хушк, аз ҷумла дар шаҳри Исфара ва ноҳияи Ашт, ба фаъолият оғоз намуданд, ки пурра ба содирот машғуланд. Қабули «Барномаи рушди бунёди боғу токзори нав дар вилоят барои солҳои 2010-2014» аз ҷумлаи ин тадбирҳои нек мебошад. Тибқи ин барнома, дар вилоят майдони боғу токзор 20 ҳазор гектар зиёд мешавад.

Дар ҷаласа натиҷаҳои омӯзиш ва тадқиқоти гурӯҳҳои корӣ оид ба беҳтар намудани вазъи соҳа баррасӣ гардида, бо мақсади бартараф намудани онҳо қарорҳои дахлдори Шӯрои машваратӣ қабул гардид.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

● Ба пешвози 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Қадршиносӣ



Дар кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имсол бистсолагии баргузории он дар қаламрави кишвар бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад, саҳми вакилони халқ-намояндагони тамоми шаҳру навоҳии мамлакат калон мебошад. Яке аз чунин иштирокдорони ин чорабинии бузурги сиёсӣ Мирҳошим Азимови ғончигист. Ӯ имрӯз он лаҳзаҳои сарнавиштсозро ба хотир оварда мегӯяд:

-Иҷлосия 18 рӯз идома ёфт ва боиси хушбахтии халқи ҷафокашидаи тоҷик аст, ки дар он ақли солим ғалаба кард, зеро дар ҳамон лаҳзаҳои ҳассос буданд ашхосе, ки ба кори иҷлосия халал расонидан мехостанд ва аз муҳити носозгори кишвар манфиатбардор буданд. Имрӯз шукр аз он мекунам, ки вакилони халқ дар интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ хато накарданд.

Парчами ҷумҳуриро бӯсидани Эмомалӣ Раҳмон ва суханони ӯ, ки чунин гуфта буд: «То як гуреза берун аз Ватан аст, ман хотирҷамъ намешавам», «Ман ба мардуми Тоҷикистон сулҳ меорам», - ҳаргиз аз хотирам зудуда намешаванд.

Имрӯз зиндагӣ тавъам бударни қавлу амали ин марди бузургро собит сохт. Мо-ҳама шукри осоиштагӣ, сулҳу субот, муттаҳидию якпорчагӣ мегӯем.

Мирҳошим Азимов зодаи деҳаи Басманда аст. Ӯ кишоварзи собиқадор, роҳбари кордону ташкилотчӣ, солиёни зиёд дар совхози Қалъаи Дӯст ҳамчун агроному саргроном кор карда, ба дараҷаи директори ин хоҷагӣ расида буд. Сипас, баъди ҷудо шудани совхози Басманда ба он раис таъин шуд. Ин хоҷагӣ баъдан номи Ҳотам Қурбоновро гирифт. Дар ҳамон солҳои ноором, айни даврони ташаннуҷи сиёсии солҳои 1990-1995 дар ҷумҳурӣ аз ҳавзаи интихоботии Овчӣ 129 номзадии ӯро ба вакилии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ ва интихоб карданд. Панҷ соли дигар дар Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд намоянда буд. Боз чандин маротиба вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия интихоб шуд.

Мардуми деҳаи Басманда хеле меҳнатдӯсту бунёдкор мебошанд. Ҳарчанд дар ихтиёр замини зиёд надоранд, вале аз он босамар истифода мебаранд. Дар ин деҳа ҳатто дар саргаҳи ҷӯю заҳбурҳо ҳам шинонидани дарахтони сафедор ба ҳукми анъана даромадааст. Мардуми деҳа мегӯянд, ки ҳамин анъанаро дар Басманда Мирҳошим Азимов пойбарҷо сохт. Дар давраи сарварии ин марди шариф дар хоҷагӣ мардум бо истифодаи ин сафедорҳо бо роҳи ҳашар чойхонаю беморхона ва таваллудхонаҳою бозор бунёд карданд, толори варзишию синфхонаҳои иловагӣ, бинои нави мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №47-ро сохтанд.

Туфайли меҳнати ҳалолу ташкилотчигӣ ӯ ба гирифтани ордени «Шараф», нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», медали ҷашнии «10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ноил гаштааст. Ҳамчун вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва ноҳияи Ғончӣ низ кори зиёд анҷом додааст, ки имрӯз мардум фаромӯшаш намекунанд.

Собиқ прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шодравон Нурулло Ҳувайдуллоев дар хотироти хеш нигоштааст: «Ман ба иродаи мустаҳками Мирҳошим Азимов боварӣ ҳосил намудам, зеро дар чунин шароити вазнину ноороми давлатамон ягона шахсе, ки таклифу пешниҳодоти моро ҷонибдорӣ менамуд, ҳамин мард буд. М. Азимов сабабгори ҳалли таклифҳои мо дар Иҷлосия мегардид». Ин нуктаро як омӯзгори басмандагӣ Раҳматбой Раҷабов дар китоби хеш «Инсони шариф» зикр кардааст.

- Баъди сарварии чандинсолаи устод дар хоҷагии ба номи Ҳотам Қурбонов имрӯз иқдомҳои наҷиби он касро ман давом дода истодаам, - мегӯяд раиси имрӯзаи ин хоҷагӣ Рустамҷон Шарифов. Имрӯз Мирҳошим Азимов ҳарчанд нафақахӯр асту давлати пирӣ меронад, маслиҳатгари хурду калон, иштирокчии фаъоли тадбирҳои мақомоти маҳаллӣ мебошад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

● Андешаҳо

# Ҳама чиз ба меъёр хуб аст

Ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» хеле муҳим ва дорои аҳамияти калони иҷтимоӣ мебошад, зеро ояндаи ҷумҳуриро бе таълиму тарбияи дурусти насли наврас, бе иштироки баробари падару модар тасаввур кардан душвор аст. Дар ин роҳ роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Сардори давлатамон, кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Ташкили як қатор муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, назорати қатъӣ аз фаъолияти онҳо, таҳти назари доимии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қарор ёфтани ин нуктаҳо, сохтмон ва хушсифат ба истифода додани муассисаҳои таълимӣ, дар кушодашавии онҳо иштирок кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита дар дарсҳо ширкат ҷустан ва фаҳмидани савияи дониши толибилмон тасдиқи ин гуфтаҳоанд.

Бисёр муассисаҳои таълиму тарбия дар саросари ҷумҳурӣ бо техникаи пешрафтаи муосир ҷиҳозонида шудаанд.

Давлат дар боби ба сатҳи баланд бардоштани таълиму тарбияи насли наврас, саҳми падару модар дар ин раванд, созандагони ҷомеаиояндаи орӣ аз зулму ситам, камсаводӣ, ҷаҳолат, маҳалгаройӣ ва хешу таборчигӣ, ошнобозӣ, порадиҳию порариситонӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва ғайра кӯшиши зиёд мекунад. Бояд гуфт барои ҳалли ин масъалаи муҳиму аввалиндараҷа мавҷуд набудани баробарии масъулияти падару модар халал мерасонад.

Пӯшида нест, ки аксари падарон барои кор ба Федератсияи Россия рафта, як қисмашон солиёни дароз он ҷо монда, зан мегиранд, ба кӯдаконашон ҳатто пул ҳам равон намекунанд. Таълиму тарбияи фарзанд як сӯй истад, кӯдакони онҳо маҷбур мешаванд, ки мактабро тарк карда, барои дарёфти пораи нон дар бозорҳо халтафурӯшӣ, дар истгоҳҳо мошиншӯйӣ ва дар нуқтаҳои савдо аробакашӣ мекунанд. Баъзеашон дар кӯчаҳо калон мешаванд, ба роҳи бад мераванд, дуздӣ мекунанд.

Аксарияти модарон маълумоти казоӣ надошта, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намекунанд ва ба корҳои хона андармонанд. Чун саводи маърифатӣ ва тиббии падару модарони мо паст аст, ҳар сол кӯдак таваллуд карда, аз серкорӣ ва серфарзандӣ таълиму тарбияи фарзандон ба хотирашон ҳам намерасад. Ин корро ба мактабу кӯча ҳавола мекунанд, ки мутлақо хатост.

Бисёрзанӣ як монеаи вазнин дар роҳи ҳалли масъалаи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд шудааст. Ҳастанд мардҳое, ки ду ва ё се зан мегиранд ва агар якеро нигоҳубин кунанд, ба дигараш аҳамият намедиҳанд. Ба таълиму тарбияи кӯдак умуман дахл намекунанд.

Се сол пеш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ қабул шуд ва алҳол дар ҳаёт татбиқ мешавад. Вале ин мавзӯъ аз назари мақомоти дахлдор каме дур монда ба гӯшаи фаромӯшӣ супурда шуд.

Бояд зикр кард, ки ҳама суханрониҳои Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон асоси илмӣ дошта, аз маслиҳату машварати шахсони донишманд ва фозил истифода шудааст. Тоҷикистон диёри кӯҳсор буда, 93 фоизи масоҳати онро кӯҳу баландӣ ва ҳамагӣ 7 фоизашро ҳамворӣ ташкил мекунад. Ба замми ин, ҷумҳурӣ маводи стратегӣ – нафту газ, чӯбу тахта (яъне ҷангал), маъдани оҳан ва амсоли ин надорад. Гандум, ки низ маводи стратегист, аксаран дар заминҳои лалмӣ кишт шуда, ҳосилнокиаш баланд нест.

Афзоиши аҳолӣ бошад, бинобар сабаби паст будани ҷаҳонбинӣ, шуурнокӣ, надонистани меъёрҳои оддии тансиҳатӣ дар ҷумҳурӣ шиддатнок аст. Ҳукумат ҳар қадар зиёд мактабу муассисаҳои томактабӣ ва донишгоҳҳоро созаду бунёд намояд, ба суръати афзоиши аҳолӣ расида наметавонад.

Соли гузашта ҳангоми сафари кории Президенти ҷумҳурӣ Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон раиси ноҳияи Ванҷ дар баромадаш зикр кард, ки дар қаламрави ноҳия санг тамом шудааст ва мардум дар сохтмони хона душворӣ мекашанд. Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон табассум карда гуфтанд: - Наход, дар Помире, ки саропо кони санг аст, санг тамом шуда бошад!?

Бале. Ҳамин тавр. Камчин шудани санги бинокорӣ дар Бадахшон далели он аст, ки дар манотиқи кӯҳистони ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам афзоиши аҳолӣ ва вобаста ба он хонасозӣ босуръат давом дорад. Баъзе оилаҳо дар кӯҳистон ва умуман дар ҷумҳурӣ то 10-12 нафар кӯдак доранд. Бо чунин аҳвол чӣ тавр метавон аз боби таълиму тарбияи насли наврас сухан гӯем ё баҳс кунем.

Дар чунин шароити гарони иқтисодие, ки дорем, зӯрамон ба таълиму тарбияи танҳо як кӯдак мерасаду халос. Кофист, агар то се фарзанд дошта бошем. Аз ин зиёдашро таълиму тарбияи сазовор додан, соҳибмаълумот кардан хеле душвор аст.

Кӯдаки маъсум дастнигар, ба нигоҳубин ва тарбияи падару модар ниёз дорад. Чашмаш бояд аз овони кӯдакӣ сер бошад. Фардо чунин кӯдак қаноатпеша, шикастанафс шуда, ба ҷомеа хизмат расонида метавонад. Бинобар, падару модар бояд ин масъулияти азимро дарк намоянд.

Духтури бачаҳо, доктори илмҳои тиб профессор Саъба Ҳакимова ҳанӯз айёми Шӯравӣ дар рӯзномаҳо мақола чоп карда, гуфта буд, ки ба мо насли зиёду касалманд, аз нигоҳи ақлонӣ ва ҷисмонӣ корношоям лозим нест, балки насли каму солим, ки ба пешрафти ҷомеа ҳаматарафа ёрӣ расонида тавонад, лозим аст. Мутаассифона, ин гуфтаҳои миллатдӯстона ва муҳим дастгирӣ наёфтанд. Олимаи машҳури тоҷикро кам монда буд, ки душмани халқ эълон кунанд. Баъдҳо ҳақ буданашро дарк намуданд, аммо...

Мақомоти қонунбарори мо агар 20 сол пеш дар бобати танзими оила – на бештар аз се фарзанд доштани шаҳрвандонамон қонун қабул мекарданд, нуран алонур мешуд.

Дуруст аст, ки мо ба ин масъала дертар ҳам бошад, таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Тасаввур кунед, тарбияи ду ё се нафар фарзанд осонтар аст ё 8-10 нафар. Мо аз серфарзандӣ ношукрӣ намекунем. Вале пири Тӯсӣ хуб фармуда:

***Пароканда лашкар наояд ба кор,***
***Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.***

Ёд дорам: кӯчокӯчии русҳо дар авҷ буд. Дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Душанбе раиси онвақтаи шаҳр Мақсуд Икромов ба намояндагони халқ муроҷиат карда, гуфт, ки як зани рус-идоракунандаи крани баландманора, ки дар сохтмони як бинои баландошёна кор мекардааст, ба Федератсияи Россия кӯчидааст. Кранаш бекор ва сохтмони бино нотамом мондааст. Се моҳ аст, ки аз мардуми таҳҷоӣ кранчӣ мекобем, намеёбем. Ахиран, як кранчиро ёфтем, ки ин касбро хондаасту вале таҷрибаи кор надоштааст. Ба назди кран бурдем. То мобайни он баромаду дигар ғайрат накард. Гуфт, ки сараш тоб мехӯрад, ғалтида монданаш мумкин ва фаромад. Ҳамин зайл, то хеле вақт боз кран бе одам монд...

Бинед: як зани рус кранро идора мекардаасту дар мо онро ҳатто мардҳо идора карда наметавонистаанд. Сабабаш, албатта, дар бартарии як миллат аз миллати дигар нест. Сабаб дар тарбия ва дарёфти хӯроки серғизо мебошад. Кӯдакҳои мо аксаран овони тифлию наврасӣ ба ҷойи 5 бор хӯроки серғизо ҳамагӣ 3 бор ғизои камқувват истеъмол мекунанд. Албатта, серфарзандӣ ва вобаста ба он паст будани шароити иқтисодии кишвар низ ба ин боис шудаанд.

Каммасъулиятии падару модар, таваллуди зиёду бенизом боиси пур шудани ҷумҳурии кӯҳистонамон гардидааст. Ягон шаҳру вилояти Федератсияи Россияро ёфтан душвор аст, ки мардуми мо он ҷо набошад. Федератсияи Россия кишвари хунук ва иқлимаш номувофиқ мебошад. Онҳое, ки он ҷо мераванд, саломатиашонро аз даст медиҳанд, дардманд шуда меоянд ва як умр худро табобат мекунанд.

Одам вуҷуди биологӣ буда, пир ва ахиран нобуд мешавад. Ҳама чиз дар дунё тағйир ёфта, синну сол ва мӯҳлат дорад. Фаразан, санг рег мешавад, рег хоку хок ғубор ва ғайра. Одам бошад, вафот мекунад.

Ҳоло атрофи пойтахтамон – шаҳри Душанбе қабристон зиёд шудааст. Дар баъзе ҷойҳо аз ночорӣ замини нақд ва обёришавандаро ба қабристон табдил додем.

Мегӯянд, ки ҳар чиз ба меъёр хуб аст. Чизе, ки аз меъёр зиёд бошад, оқибати ногувор меорад, беқадр мешавад: - «Зар дар кони зар қимат надорад», - гуфтаанд бузургон.

Шумораи хонандагон дар мактаб ва синфхонаҳоро мисол гирем. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 12 нафар, дар Федератсияи Россия аз 15 нафар зиёдро дар синфхона намемонанд. Дар ҷумҳурии мо, бинобар баланд будани дараҷаи афзоиши аҳолӣ, дар синфхонаҳо аз 30 то 50 нафар талаба дарс мехонад. Маълум ки дар чунин шароити номусоид на таълим мешаваду на тарбия.

Воқеан, аксари падару модарони мо худ ба таълиму тарбия ниёз доранд. Одамизод садсола ҳам шавад, аз назари таълиму тарбия комил намешавад ва эҳтиёҷ ба хониш, шунидани панду насиҳат дорад...

Дар хотима ҳаминро бояд таъкид кард, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст дар мавриди ба танзим даровардани шумораи фарзандон дар хонаводаи аҳолии ҷумҳурӣ қонуни махсус қабул намоянд, зеро инро замона тақозо мекунад.

***Азиз САЛОЛОВ, сокини маҳаллаи Улугбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,***

***Ҷамилаи НАЗОКАТ, муаллимаи синфҳои ибтидоии Гимназияи хусусии Тоҷикистон***

# ФАРОГИРИИ «TCELL» ДАР БАДАХШОН ВАСЕЪ МЕШАВАД

*Дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон -шаҳри Хоруғ дафтари нави кории ҶСП Ширкати мобилии «TCELL» ба фаъолият пардохт ва дар маросими ифтитоҳи он директори генералии ин ширкат Мансурҷон Ҳомидов ширкат варзид. Мухбирамон бо ӯ ҳамсӯҳбат гардид.*



-Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар фаъолият ва пешрафти кори мо нақши муҳим дорад. Қариб 90 ҳазор муштариён-сокинони ин вилоят алоқаи ширкати моро интихоб намудаанд ва ба онҳо тавассути зиёда аз 80 базаи телефонӣ хизмат расонида мешавад, -гуфт номбурда ва суханашро идома дод: -Шумо огоҳ ҳастед, ки соли гузашта раванди муттаҳидшавии ду ширкат- «Индиго Тоҷикистон» ва «Индиго Сомонком» таҳти бренди ягонаи «TCELL» оғоз гардида, бомуваффақият анҷом ёфт. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» ширкатест, ки онро Фонди Оғохон дар Тоҷикистон ва оператори телекоммуникатсионии аврупоии «TeliaSonera» созмон додаанд. Аз ин лиҳоз, ҳамчун ҷузъи таркибии холдингии умумиҷаҳонии «TeliaSonera», ки дар 20 давлати дунё -аз Норвегия то Непал фаъолият дорад, мо кӯшиш менамоем ба муштариён алоқаи баландсифати сатҳи ҷаҳонӣ ва дастрасу қулайро пешкаш намоем.

Айни ҳол самтҳои фаъолияти мо аввалан такмили сифат, рушди фаъоли шабака ва воридоти технологияи нав, аз ҷумла стандартҳои алоқаи 3G ва 4G ва ниҳоят, тақвият бахшидани нуфузи ширкат тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-хайриявӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин хотир, дар ширкат системаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо – Six Sigma ҷойгир гардида, дар натиҷа қариб ба 80 фоиз зангҳо дар дақиқаи аввал ҷавоб гардонида мешавад. Барои қулай гаштани кор муштариён аз рӯйи миқдору самтҳои зангҳояшон сегментасия гардида, ба он тавассути зиёда аз 20 тариф хизмат расонида мешавад. Хурсандиовар аст, ки соли гузашта миқдори истифодабарандагони интернети мобилӣ аз Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» ду маротиба афзун гардид. Мо дар асри XXI зиндагӣ дорему рафтуомади одамон аз мамлакатҳои гуногун хеле зиёд аст. Биноан, ширкати мо дар 119 давлати дунё тавассути 277 шарикони худ ба муштариёни ватаниву хориҷӣ хизматрасонии роумингиро пешниҳод менамоянд.

Бо дарки масъулияти иҷтимоӣ-корпоративиаш Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» дар муҳимтарин маъракаҳои хайриявии ҷумҳурӣ саҳмгузорӣ менамояд ва соли гузашта ба маблағи зиёда аз 1,1 млн. сомонӣ лоиҳаҳои иҷтимоиро маблағгузорӣ кард. Боиси ифтихор аст, ки се сол пайи ҳам Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» ҳамчун калонтарин андозсупорандаи кишвар аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр мешавад. Ин на танҳо эътирофи ширкат ҳамчун сармоягузори инфрасохторӣ ва кордиҳандаи баландмаош, балки пардохткунандаи андозҳои гуногун ба маблағи зиёда аз 230 млн. сомонӣ мебошад.

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL», ки аввалин ва бонуфузтарин алоқаи мобилӣ мебошад, дар муддати кӯтоҳ босуръат ривоҷу равнақ ёфт ва аз алоқаи он бадахшониён низ бархӯрдор шуданд.

Имрӯз ин ширкат дар вилоят 103 дастгоҳи базавӣ дошта, зиёда аз 90 ҳазор нафар муштарӣ дорад, ки мардум шабонарӯзӣ аз алоқаи гуфтугӯӣ бархӯрдор мебошанд. Ширкат барои зиёда аз 130 нафар ҷойи кор муҳайё кардааст ва ҳар сол шумораи нуқтаҳояш зиёд мешавад. Маҳз хизмати ин ширкат аст, ки сокинони баландкӯҳи ноҳияи Мурғоб, деҳаи Сипонҷи ноҳияи Рӯшон, Дуршери Ванҷи боло, Лангари ноҳияи Ишкошим низ аз алоқаи мобилӣ бархӯрдоранд.

Соли равон ҳамчунон дар назар аст, ки деҳоти Аличур, дидбонгоҳи Қулмаи ноҳияи Мурғоб, Сежди ноҳияи Рошткалъа низ бо алоқаи мобилӣ фаро гирифта шаванд. Умедворем, ки ширкат дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар зиёд кардани дастгоҳи мобилӣ дар деҳаҳои дурдасту баландкӯҳ ва ба интернет пайваст кардани муассисаҳои таълимӣ кори зиёд ба сомон хоҳад расонид, зеро дар шароити Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон алоқаи мобилии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» беҳтарин ва қулайтарин ба ҳисоб рафта, хизматрасонии он ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошад.

Баробар ба хизматрасонии хуби алоқаи мобилӣ, дар амалӣ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дастгирӣ намудани ятимону бепарасторон, пиронсолон, оилаҳои камбизоат ва дигар чорабиниҳои ҷамъиятӣ мо фаъолона ширкат варзида, дастгирию кӯмаки зиёд мерасонем. Кӯмаки беғаразонаи ширкат ба мактаб-интернати рақами 28-уми ноҳияи Шуғнон, мактаб -интернати бепарасторони ноҳияи Рӯшон, дастрас намудани таҷҳизоти мобилии ташхис барои Маркази саломатии шаҳри Хоруғ, гузаронидани хатнатӯйи оилаҳои камбизоат аз ҳамин иқдомҳоянд.

Тадқиқотҳои институтҳои байналмилалии молиявӣ тасдиқ менамоянд, ки рушди соҳаи телекоммуникатсияи мамлакат ба афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии он давлат таъсири мусбӣ расонида, ба сармоягузориҳо дар рушди иқтисодиёту ҷомеа такони ҷиддӣ медиҳанд. Технологияи муосир, аз ҷумла интернети мобилӣ, ба муштариён имкониятҳои бештару қулай пешниҳод намуда, мустақим ва бавосита, миқдоран ва сифатан некӯаҳволии мардумро баланд мебардорад.

Бо ин мақсад солҳои охир ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ширкати мобилии «TCELL» аллакай зиёда аз 100 млн. доллари амрикоӣ сармоягузорӣ шудааст, то ин ки хизматгузориҳои баландсифат ва арзону қулайи телекоммуникатсионӣ ба теъдоди зиёди аҳолӣ дастрас гарданд. Ҳангоми вохӯрӣ бо раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мӯҳтарам Қодири Қосим мо ба мувофиқа расидем, ки дар ҳалли бисёр мушкилоти муҳими рӯз бояд ҳамдигарро дастгирӣ карда, дар оянда ҳамкориамонро боз ҳам қавӣ намоем,- гуфт дар фарҷоми сӯҳбат Мансурҷон Ҳомидов.

***Шоҳтолиб ШОҲҚОСИМ, «Садои мардум»***

● **Ба рӯзномаи «Садои мардум»**

## Сарсонии ман кай анҷом меёбад?

Ман аз соли 1995 инҷониб нафақахӯр мебошам. Бо сабаби бад шудани муносибатҳоямон бо ҳамсоям Холдор Ҳаитов муддате чанд дар хонаи ҷиянам зиндагӣ кардам.

Баҳори соли 2011 ман қарор додам, ки ба хонаам баргардам. Ҳангоме вориди хона шудам, манзараи нохушро мушоҳида намудам. Шифти хона, ки аз фанера буд, аз об нам кашида, канда ва овезон гаштааст. Рангубори хона низ аз таъсири намӣ вайрон шуда буд.

Ҷиянам бо устоҳо болои хонаро аз назар гузарониданд. Ҳамсоя болои бом антенна насб карда будааст, ки дар натиҷа дар масоҳати якуним метр шифери атрофи он шикастааст.

Аз ҷойи шикастаи бом дар рӯзҳои барфу борон об ба дохили хона ворид мешуд.

Ҷиянам аз ҳамсоя хоҳиш намуд, ки антеннаашро дар дигар нуқтаи бом насб намояд, зеро ҳудуди болои боми ӯ низ холӣ буд, вале ҳамсоя дар болои боми худаш насб кардани антеннаро, бинобар нашикастани шифери болои хонааш, қатъиян рад кард.

Ман низ якчанд маротиба аз ҳамсоя хоҳиш намудам, ки антеннаашро дар ҷойи дигар насб намояд, то ин ки тавонам шифери болои хонаамро таъмир намоям, вале Х. Ҳаитов хоҳиши маро рад намуд ва ҳатто таҳдид ҳам кард, ки агар мо ба антеннаи ӯ расем, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шикоят мекунад.

Айни ҳол хонаи ман барои истиқомат ношоям аст. Вобаста ба ин ҳолат ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур, шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия, прокуратураи ноҳия ва шаҳри Душанбе муроҷиат намудам, лекин аз онҳо бо як мазмун ҷавоб мегирифтам: «Боми шумо умумист ва ин масъала танҳо ба тариқи судӣ ҳал мешавад».

Бояд зикр намуд, ки боми хона моликияти умумӣ шуда наметавонад, зеро дар шароити феълӣ аксари хонаҳо хусусӣ гардонида шудаанд ва тамоми кори таъмиру тармимро истиқоматкунандагон аз ҳисоби худашон амалӣ мегардонанд. Ҳар як метри шифери болои хона ҳамчун моликияти хусусӣ ба ҳисоб меравад ва ҳангоми хароб шуданаш онро бепул иваз ё таъмир намекунанд. Аз ин рӯ, тамоми хароҷоти ба он алоқаманд ба дӯши ман, ҳамчун соҳибмулк, мебошад. Илова бар ин, аз насби антенна тамоми шифт ва фарши хона вайрон шудааст, ки онро низ бояд иваз намоям.

Ҳарчанд оид ба ин масъала ба чандин мақомоти дахлдор муроҷиат карда бошам ҳам, аммо касе ба доди мани нафақахӯр ва бемор намерасад. Ман наметавонам кирдорҳои бадқасдонаи Х. Ҳаитовро бартараф накарда, он ҷо зиндагӣ намоям. Тавассути рӯзнома мехоҳам диққати мақомоти дахлдорро ба ҳалли объективонаи ин масъала ҷалб намоям ва боварӣ дорам, ки ба рафтор ва амали Х.Ҳаитов низ баҳои ҳуқуқӣ медиҳанд.

***З. ҲИДОЯТОВА, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Дӯстии халқҳо 25, ҳуҷраи 12***

## *Телефони бесим ҳадя карда шуд*

Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктелеком» ба сокини шаҳри Хоруғ Шоалӣ Азимов ройгон дастгоҳи телефонии бесимро тақдим намуд. Сардори ҷамъияти мазкур Сафар Мулкамонов изҳор дошт, ки то имрӯз аллакай 20 адад чунин телефон ба оилаҳои камбизоат тақсим шуд. Ин тадбир бо дастури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо мақсади дастрасӣ пайдо кардани оилаҳои камбизоат ба алоқа амалӣ карда мешавад. Чунин оилаҳо боз як моҳи расо бе пул гуфтугӯ мекунанд. Дарояндаи наздик зиёда аз 7 ҳазор хонаводаҳои камбизоат соҳиби чунин тӯҳфаҳои Сарвари давлат мегарданд.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум***




### Корхона фаъолияташро оғоз намуд

**МӮЪМИНОБОД. ( Т. ФАЙЗАЛӢ, « Садои мардум»)** Бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзун намудани номгӯйи маҳсулоти саноатӣ дар заминаи ҶММ «Гулдаст» бо ворид намудани таҷҳизоти нави муосир корхонаи хиштбарорӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар натиҷа 30 нафар бошандагони деҳоти Балхобии ноҳияи Мӯъминобод бо ҷойи кор таъмин шуданд. Айни замон иқтидори истеҳсолии корхона дар як баст 5,5 ҳазор дона хишт мебошад. Дар сурати афзудани талабот корхона метавонад фаъолияташро дар ду баст ташкил намуда, истеҳсоли хиштро ба 11 ҳазор дона ва шумораи коргаронро ба 60 нафар расонад.

### Ҳосили нави пиёз

**ҚУМСАНГИР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Кишоварзони ноҳияи Қумсангир дар вилояти Хатлон яке аз аввалинҳо шуда, ба ҷамъоварии ҳосили нави пиёзи барвақтӣ оғоз намуданд. Онҳо ният доранд, ки маҳсули дастранҷи худро рӯзҳои наздик пешкаши аҳолӣ намоянд.

Соли гузашта кишоварзони ноҳия аз ҳосили пиёз фоидаи хуб ба даст оварда буданд. Аз ин рӯ, соли равон онҳо майдони кишти ин зироати муҳимро 100 гектар зиёд намуданд. Тибқи иттилои Идораи кишоварзии ноҳия соли ҷорӣ майдони кишти пиёз ба 780 гектар расонида шуд.

### Мактаб номгузорӣ шуд

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ. ( Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба номи яке аз аввалин омӯзгорони таълимгоҳ Абдукарим Комилӣ гузошта шуд. Бино ба гуфти муовини раиси ноҳия Моҳрӯ Қосимова, мавсуф аз шахсиятҳои маъруфи ноҳия ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳаи маориф саҳми босазо дорад.

-Умед аст, ки насли имрӯза давомдиҳандаи кори неку номи неки чунин ашхоси мӯътабар хоҳанд шуд,- мегӯяд М. Қосимова.

### Хатсайри нав ифтитоҳ ёфт

**ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Хатсайри нави ҳавоии Хуҷанд-Сочи-Хуҷанд ифтитоҳ ёфт. ҶСК «Сомон-Эйр» шурӯъ аз моҳи апрел парвози ҳавопаймои «Боинг»-ро дар ин хатсайр ҳафтае як маротиба - рӯзи якшанбе ба роҳ мондааст.

Тибқи иттилои намояндагони ширкат, мӯҳлати парвоз аз як самт чор соатро ташкил дода, арзиши чипта 180 евро мебошад.

Ширкат нақша дорад, киояндаи наздик хатсайрҳои навро ба самти шаҳрҳои Барнаул ва Перми Федератсияи Россия ба роҳ монад.

### Пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ

**РОҒУН. (А. ТАБАРОВ)** Дар шаҳри Роғун бо ташаббуси шӯъбаи Агентии давлатии шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод доир гардид. Дар он зиёда аз 10 корхонаи тобеи шаҳр иштирок намуда, 107 ҷойи кори холӣ пешниҳод намуданд. Дар натиҷа, аз миёни корҷӯён 15 нафарашон ба гурӯҳҳои касбомӯзӣ ҷалб шуда, шаш нафари дигар бо кор таъмин шуданд.

### Кишти донаҳои умед

**МАСТЧОҲ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Мастчоҳ пахтакорони хоҷагии деҳқонии «Ориёно» кишти пунбадонаро ба охир расониданд. Механизатори хоҷагӣ Аловуддин Охунов дар майдони 20 гектар чигит кишт намуд.

Соли равон кишоварзони ноҳия ният доранд, ки дар майдони 12700 гектар пунбадона кишт намоянд.

### Озмуни вилоятии паррандагони хушхон

**СУҒД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар боғи Камоли Хуҷандии маркази вилояти Суғд - шаҳри Хуҷанд намоиш- озмуни 12-уми паррандагони хушхону ороишӣ ва моҳичаҳои аквариумӣ баргузор гардид. Дар он дӯстдорони табиат аз шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла Конибодом, Исфара, Истаравшан, Ғончӣ иштирок намуданд.

Раиси Ассотсиатсияи дӯстдорони табиати вилоят Толиб Ҳобилов зикр намуд, ки дар озмун паррандагони нодир ва ҷонварони дигар, аз қабили мурғи ҳилол, товус, тӯтӣ, сангпушт ва ғайра ба намоиш гузошта шуданд.

Ба ғолибони намоиш- озмуни 12-уми паррандагони хушхону ороишӣ ва моҳичаҳои аквариумӣ тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

### Бунёди бунгоҳи нави тиббӣ

**ФАРХОР. (Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Фархор дар деҳаи «Дӯстӣ»-и деҳоти Фархор, бо сарфи маблағи 46 ҳазор сомонӣ бунгоҳи нави тиббӣ сохта ба истифода дода шуд.

Бунгоҳи тиббии мазкурро коргарони корхонаи сохтмонии «Фаридун» - и ноҳия дар мӯҳлати муқарраргардида, бо тарҳу сифати баланд бунёд намуданд.

### Филиали маркази тавонбахшӣ таъсис меёбад

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Зимни мулоқоти узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Норак Ҳамид Абдуллоев бо вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов оид ба таъсиси ҷойҳои нави кор, ташкили ҳар чӣ бештари курсҳои касбомӯзӣ барои занону ҷавонон, ташкили босамари муҳоҷирати дохилии аҳолӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ибрози назар шуд. Аз ҷумла бобати иҷрои саривақтии дастуру нишондодҳои Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳисоби маблағҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак филиалҳои марказҳои таълими модулӣ ва тавонбахшии кӯдакону наврасон аз нав бунёд мешаванд. Инчунин зикр гардид, ки биноҳои маъмурии агентиҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Норак, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр, филиали КВД «Маркази соҳибкорӣ ва касбомӯзӣ» дар шаҳр ба биної пештараи кӯдакистони фабрикаи дӯзандагӣ кӯчонида, меҳмонхона ва филиали Маркази тавонбахшии кӯдакону наврасони «Чорбоғ» кушода мешавад. Айни замон таъмиру азнавсозии собиқ биноӣ кӯдакистон идома дорад.

### Қадрдонии заҳмати паҳлавон

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Паҳлавони ҷавону умедбахши тоҷик, дорандаи роҳхати Бозиҳои олимпии Лондон- 2012 Искандари Рустам аз ҷониби раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал дар ҷамъомади бошукӯҳ, ки дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят барпо шуд, бо мукофоти пулӣ қадрдонӣ гардид. Зимни супоридани мукофот раиси вилоят иброз намуд, ки Искандари Рустам аз байни варзишгарони хатлонӣ аввалин нафарест, ки роҳхати Бозиҳои олимпии Лондон- 2012- ро ба даст овардааст. Иштирокчиёни ҷамъомад ба гӯштигири варзида барои ғалаба дар Бозиҳои XXX олимпӣ (Лондон – 2012) ва дигар мусобиқаҳои варзишии ҷаҳонӣ муваффақият таманно намуданд.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● **Фарҳанг- ҳастии миллат**

# СУННАТИ КИТОБДОРӢ ЭҲЁ МЕГАРДАД



Дар марҳилаи нави таърихӣ суннати қадимаи китобдориву китобхонии мо ба сурати тоза ва мазмуну мӯҳтавои нав идома пайдо кард. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Тоҷикистон рушди анъанаи китобдориву китобхониро яке аз самтҳои умдаи сиёсати фарҳангии хеш қарор дода, дар ин росто хеле корҳоро ба сомон расонид».

Воқеан, дар аёми нав, яъне даврони истиқлолияти кишвар, барои эҳё ва рушду такомули соҳаи китобдорӣ ва фаъол гардидани китобхонаҳо заминаи хуб фароҳам омад. Қабули се барномаи давлатӣ - «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015», «Барномаи компютерикунонии китобхонаҳои давлатии оммавии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» ва ҷудо гардидани даҳҳо миллион сомонӣ барои иҷрои ин барномаҳо гувоҳи таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Давлат ва Ҳукумат нисбати ин соҳа мебошад. Бунёди зеботарин бинои хуштарҳи замонавӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани он бо техникаю технологияи навтарин аз ҷумлаи тадбирҳои амалиест, ки тавассути он ниёзи хонандагон дар самти дастрасӣ ба дастовардҳои асри иттилоот ҳар чӣ бештар қонеъ гардонида мешавад.

Чанде пеш барои аз наздик шинос шудан бо фаъолияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба ин қасри бузурги маърифат омадем. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи касро симои берунии бино, ки шакли китоби кушодаро мемонад, ба худ ҷалб месозад. Вақте вориди «китоб» мешавед, манзараи назаррабо, толори барҳавои пазиройӣ ва қайди хонандагон, сақфу қандилҳои рангоранг пеши назар ҷилвагар мегардад.

Зимни ифтитоҳи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва нахустин ҳамоиш дар ин кохи бузурги илму фарҳанг, яъне мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони зиёиёни кишвар, Сарвари давлат чунин иброз доштанд: «Ба андешаи ман, он ҳама китобҳои сӯхта, китобхонаҳои оташгирифта, ёдгориҳои барбодрафтаи таърихи халқи тоҷик имрӯз дар симои китобхонаи миллии мо аз сари нав эҳё гардида, дар роҳи боло бурдани ҷаҳони маънавии халқамон нақши арзанда мебозанд.

Муаллифи ин сатрҳо низ якчанд сол дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ кор кардаам ва бо аҳли заҳмати он, китобдорону масъулоне, ки дар шароити на чандон хуб солҳои дароз ифои вазифа мекарданд, шиносам. Хурсандона, дар китобхонаи нав бо ин чеҳраҳои ошно дучор омадам. Аз ҷумла Ҷӯрабой Раҷабов, Малоҳат Эшонқулова дар ин ҷо шӯъбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва абономенти байникитобхонавиро сарварӣ мекунанд. Зани ҳалиму меҳрубон ва кордон Дектерёва Елена Абдуллоҷоновна мудири шӯъбаи адабиёти хориҷӣ аст. Яке аз китобдорони собиқадор, ба қавле пири китобдорони муосири тоҷик Бекназар Аҳмадов низ дар ин даргоҳ ба фаъолият пардохта, машваратчии мутахассисони ҷавон аст. Гулсара Шукурова собиқадори шӯъбаи методӣ, алҳол муовини мудири шӯъбаи илмӣ-тадқиқотист. Олими варзида ва собиқадори соҳаи китобдорӣ, устод Абдуллоҷон Юнусов, ки дар китобхонаи нав низ мудирии шӯъбаи дастнависҳо ва мероси хаттиро бар ӯҳда дорад, бо ғайрати дучанд ба фаъолият шурӯъ кардааст, зеро акнун барои нигоҳдорӣ ва тарғиби ганҷинаҳои нодир ва пурарзиши ниёгонамон шароити хубу мувофиқ ба амал омадааст. Пуркортарин ва серғайраттарин китобдоре, ки зимни фаъолият дар бинои собиқи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ҳаводорони зиёд дошт, яъне Гулнора Раҳмонова ин ҷо ҳам серкору серташвиш аст. Чунин нафарон хеле зиёданд, ки имкони ҳар кадоми онҳоро ин ҷо номбар кардан нест.

Барои шиносоии бештар бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо Шариф Комилзода, ки тайи солҳои охир сарвари Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсиро бар ӯҳда дошт ва айни ҳол муовини директор аст, ҳамсӯҳбат шудем. Мавсуф соли 1979 факултети китобдорӣ ва библиографияи Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи Мирзо Турсунзодаро хатм карда, тӯли беш аз сӣ соли фаъолият дар муассисаҳои таълимии соҳавӣ ва марказҳои бузурги маърифатӣ корҳои зиёди амалӣ ва илмию тадқиқотиро анҷом додааст. Эшон соли 1989 рисолаи номзадиро дар мавзӯи: «Библиографияи тавсиявии адабӣ-бадеӣ ҳамчун воситаи тарбияи интернатсионалӣ ва ватандӯстии бачагон ва наврасон» дифоъ карда, то ин дам беш аз 300 китобу дастурҳои таълимӣ, илмию оммавӣ ва мақолаҳо доир ба масъалаҳои китобдорӣ ва фарҳангшиносӣ ба нашр расонидааст. Вай ҳамзамон сардабири маҷаллаи «Китобдор» мебошад. Аз сӯҳбати пурмӯҳтавои Шариф Комилзода маълумотномаи мухтасарро пешкаши хонандагони арҷманд мегардонем:

-Боиси ифтихору сарфарозист, ки мо соҳиби чунин як китобхонаи бузург шудем, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ назир надорад. Масоҳати умумии бинои китобхонаи нав 44 ҳазору 78 метри мураббаъ мебошад. Бино бо воситаҳои замонавии ҳамлу нақли бор, экскалатор, лифт, таҷҳизоти мушоҳидавию гармидиҳӣ, ҳаворасонию шамолдиҳӣ, хабардиҳию сӯхторхомӯшкунӣ муҷаҳҳаз гардонида, барои нигоҳдории 10 миллион нусха китоб пешбинӣ шудааст. Имрӯз фонди умумии Китобхонаи миллии Тоҷикистонро 6179338 нусха маводи чопию электронӣ ташкил медиҳад. Аз ин ҳисоб: 3089689 нусха – фонди асосии КМТ; 2589649 нусха – китобҳои эҳдошуда аз аҳолӣ; 500000 нусха – китобҳои электронӣ мебошанд. Фонди китобҳо дар 28 маҳзани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо ҷойгир карда шудаанд.

Китобхона дорои толорҳои хониш, маҳфузгоҳҳо барои нигоҳдории китоб ва дигар намудҳои асноди иттилоотӣ, ҳуҷраҳои маъмурӣ, маҷлисгоҳҳо ва толорҳои баргузории ҷаласаҳо, симпозиуму конфронсҳо, чопхонаву лабораторияҳои тармими китобҳо, бахшу шӯъбаҳои корӣ ва дигар шабакаҳои хадаматӣ мебошад, ки ҷавобгӯйи талаботи стандарти ҷаҳонӣ аст. Аз ҷумла 25 толори хониш барои хонандагон, ки дар онҳо 1458 ҷойи нишаст мавҷуд аст. Дар китобхона нӯҳ маҷлисгоҳ ва толорҳои баргузории ҷаласаву симпозиумҳо, ки дорои 1100 ҷойи нишаст мебошад, ба фаъолият шурӯъ кардааст. Инчунин барои хонандагон 215 ҷойи нишаст барои дамгирӣ ва 558 ҷойи таомхӯрӣ дар ошхонаҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон муҳайё шудааст. Барои кормандони китобхона 312 таваққуфгоҳи автоматикунонидашудаи корӣ бо компютерҳо ҷиҳозонида шудааст.

Дар фаъолияти китобхона низоми нисбатан комили автоматикунонии равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ ҷорӣ гардидааст. Бо хоҳиши мо Ш. Комилзода ин навигариро мухтасар чунин шарҳ дод:

-Низоми автоматикунонидашудаи раванди китобдорӣ-иттилоотӣ имрӯз дар асоси яке аз барномаҳои маъмул ва дар соҳаи китобдории ҷаҳонӣ санҷидашуда «Aleph» (Алеф) ба роҳ монда шудааст. Ин барнома аз ду қисми асосӣ иборат буда, қисми якум барои кормандони китобхона ва қисми дуюм барои истифодабарандагон пешбинӣ шудааст. Ҳар ду қисми барнома бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ дошта, аз як пойгоҳи (базаи) маълумотҳо истифода мекунанд. Қисми якуми барнома фарогири панҷ амалиёт буда, ҳар яке аз онҳо вазифаҳои ба худ хосро иҷро менамоянд ва дар таваққуфгоҳи автоматикунонидашудаи кории китобдор пайваст мебошанд, яъне барқарор карда шудаанд. Ҳамаи ин панҷ амалиёт қисми якуми барномаи «Aleph» мебошанд ва барои кормандони китобхона пешбинӣ шуда, танҳо дар компютерҳои онҳо муқаррар карда шудааст. Тавассути қисми дуюми барнома- «ОРАК» (опак) хонандагон бевосита метавонанд аз феҳристи электронӣ истифода намуда, китоби лозимаро ҷустуҷӯ кунанд ва ҳамзамон онро барои мутолиа дархост намоянд. Инчунин кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Маркази «Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барномаи компютерии таҳия ва истифодаи «Феҳристи китобҳои электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-ро тартиб доданд. Бо истифода аз ин барнома хонандагон метавонанд дар шабакаи дохилии компютерҳои китобхона адабиёти лозимаро тибқи ному насаби муаллифон ва ё унвони асар дарёфт намуда, онро мавриди истифода қарор диҳанд. Илова бар ин, Китобхонаи миллии Тоҷикистон тибқи шартнома бо ширкати байналмилалии EUROMONITOR INTERNATIONAL захираи электронии ин ширкатро ба ихтиёри хонандагони китобхона вогузор кардааст ва бо истифода аз ин захира хонандагони Китобхонаи миллии Тоҷикистон имкон доранд, ки ба 8 миллион маълумоти омории муқоисавӣ-байналмилалӣ оид ба иқтисодиёт, иҷтимоиёт, демография ва ҷуғрофияи 205 мамлакати ҷаҳон ошноӣ пайдо намоянд. Инчунин хонандагони Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба 400 ҳазор матни электронии рисолаҳои номзадию доктории Фонди электронии диссертатсияҳои Китобхонаи давлатии Федератсияи Россия дастрасӣ доранд. Дар навбати худ Китобхонаи миллии Тоҷикистон тавассути веб-сайти www. nlrt.tj барои хонандагони маҷозӣ (виртуалӣ) имкони паҳн намудани манобеи электронии худро дорад.

Дар ҷараёни сӯҳбат бо директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Носирҷон Салимов ва муовини аввали директор Саидҷаъфар Сафаров онҳо иброз доштанд, ки вобаста ба дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва масъулияти бузурге, ки ба дӯши онҳо вогузошта шудааст, анҷоми кори зиёд дар пеш аст. Умед аст, ки Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба маркази бузургтарини илму фарҳанг табдил меёбад.

Дар ин ҷо ҳамзамон бо ходими нави китобхона Рустам Сафолов шинос шудем. Маълум гардид, ки вай муовини мудири шӯъбаи кор бо маъюбон мебошад. Ин шӯъба барои хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон, аз ҷумла маъюбон, нобиноён ва шахсони имконияти бинояшон маҳдуд таъсис шудааст. Шӯъба дорои толорҳои хониши махсусгардонидашуда ва фонди китобҳои савтӣ (гӯёӣ) ва китобҳо бо алифбои «Брайлер» мебошад.

Ҳамзамон дар сохтори китобхонаи нав илова ба бахшу шӯъбаҳои амалкунанда шӯъбаҳои нав, аз қабили шӯъбаи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ, шӯъбаи тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, шӯъбаи таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо, шӯъбаи табъу нашр, шӯъбаи нигаҳдории рисолаҳои илмӣ, шӯъбаи хизматрасонӣ ба маъюбон, шӯъбаи котибот, шӯъбаи умумӣ, шӯъбаи хадамоти бино ва иншоот, шӯъбаи хадамоти гармидиҳӣ ва техникаи санитарию бехатарӣ, шӯъбаи истифодабарӣ ва хизматрасонии электротехникӣ, шӯъбаи истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии коммуналӣ ва чор маркази соҳавии «Тоҷикшиносӣ», «Қонуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ», «Иттилооти ҳуқуқӣ», «Такмили ихтисоси кормандони китобхонаҳо» ташкил шудааст.

Китобхонаи нави миллӣ маконест, ки дар он барои дарёфти илму маърифат тамоми шароит муҳайё гардонида шудааст ва дар ин ҷо метавон аз тамоми намудҳои технологияҳои навтарини ҷаҳонӣ истифода бурда, маълумот ва иттилооти зарурирo сари вақт дастрас кард. Махсусан ҷавонон, донишҷӯён бояд ба ин даргоҳ таваҷҷуҳ карда, донишу малака ҳосил намоянд. Дар робита ба ин гуфтаҳо, ташкили саёҳатҳои мунтазами донишҷӯён аз ҷониби маъмурони макотиби олӣ, муассисаҳои таълимии касбӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ҷалби ҳар чӣ бештари ҷавонон ба китобу китобхонӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Қобилияту истеъдоди ҷавондухтарон

Боиси қаноатмандӣ ва хушнудист, ки сол аз сол сатҳи маънавиёт, фарҳанг ва таваҷҷуҳ ба илмомӯзии занону ҷавондухтарони ноҳияи Ишкошим боло меравад.

Агар ба истеъдоду қобилият ва майлу хоҳиши ҷавондухтарон зеҳн монем, бовариамон ба оянда қавӣ мегардад. Танҳо дар ду соли охир 17 нафар духтарон дар олимпиадаи вилоятӣ, се нафар дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ва шаш нафар дар олимпиадаи байналмилалӣ ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ мушарраф гаштанд. Ситораи Мамадалибек, Сабринаи Мирзошо, Мадина Матробова, Гулнигор Тиллоева, Рухсора Бозмамадова, Сакина Сафарова, Таманно Шоҳдодова, Нусратҷон Исломбекова, Амина Убайдулоева, Гулбахт Азизуллоева аз олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо медалҳои тилло, нукра ва биринҷӣ баргаштанд.

Соли 2010 хонандаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №18 Ёсумани Иломбек дар озмуни ҷумҳуриявии ихтироъкорони наврас ширкат намуда, ба гирифтани ҷойи дуюм мушараф гардид. Хонандаи синфи 9-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №32 Тахминаи Музофиршо бошад, соли 2011 дар конфронси ҷумҳуриявии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавзӯи илмӣ баромад карда, сазовори гирифтани ҷойи дуюм ва унвони ифтихории аъзои Академияи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон гашт.

Соли 2011 донишҷӯйи Донишгоҳи педагогӣ-гуманитарии шаҳри Қазон Мижгона Тиллобекова дар Озмуни фарҳангӣ-зебоии байналмилалӣ соҳиби ҷойи ифтихорӣ ва ғолиби озмун гашт.

Хонандаи синфи даҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21 Мадина Худоназарова соли 2011 сазовори унвони «Бонуи сол»-и вилоят гашт. Худи ҳамин сол хонандаи синфи ёздаҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21 Гулнигор Тиллоева дар озмуни телевизионии «Зебосанам – 2011» ширкат намуда, байни 300 нафар бонувони довталаб ба гирифтани ҷоизаи нукрагин мушараф гардид. Хатмкардаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №18 Бибимои Мамадпано дар чор даври имтиҳон пирӯз гашта, ҳуқуқ пайдо кард, ки дар ИМА таҳсил намояд.

***Гулшан МУЛЛОЕВА,***
***мудири бахши кор бо занон ва оилаи МИМҲД-и ноҳияи Ишкошим***

## Беш аз 730 ҳазор кӯдакон эм карда мешаванд

Аз 21 то 27- уми апрели соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳафтаи иммунизатсияи аврупоӣ (бо ташаббуси Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, даври ҳафтум) ва аз 23 то 28-уми апрел Рӯзҳои миллии иммунизатсия бар зидди бемории гулӯзиндонак (бо кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) баргузор мегардад. Дар ҷумҳурӣ Рӯзҳои миллии эмгузаронӣ (РМЭ) бар зидди гулӯзиндонак аз 23 то 28- уми апрел дар байни кӯдакони аз 3 то 6- сола бо ваксинаи АДС гузаронида мешавад, ки дар маҷмӯъ 730 031 кӯдак эм карда хоҳад шуд.

Гулӯзиндонак бемории сироятии токсикӣ буда, барангезандаи он коринобактерияҳои гулӯзиндонак мебошанд. Роҳи асосии сироятёбӣ тавассути ҳаво, инчунин асбобҳои рӯзгори сироятёфта (бозичаҳои мулоим ва ғайра) мебошад. Намуди аз ҳама бештар паҳншудаи беморӣ осеб дидани бинӣ ва гулӯ, инчунин ғадудҳои бодомшакл аст. Ба бемории гулӯзиндонак ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон гирифтор мешаванд. Дараҷаҳои вазнини он дар мадди аввал миокардит, инчунин газаки роҳҳои нафас ба ҳисоб меравад, ки баъзан боиси марг ҳам мешавад. Аз ин рӯ, тавассути эмгузаронӣ пеши роҳи ин бемориро гирифтан мумкин аст.

Чунин буд мавзӯи конференсияе, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе доир намуд.

Мақсади асосии ин чорабиниҳо баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ дар бораи моҳияти иммунизатсия мебошад, ки ягона воситаи пешгирӣ ва муҳофизат бар зидди бемориҳои сирояткунанда, аз он ҷумла гулӯзиндонак, сурхча, кузоз, фалаҷ, зардпарвини В ва кабудсулфа аст.

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

# SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

## The Republic of Tajikistan
## Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project
## Procurement of gabion wire mesh
## Grant No.
## Contract/Bid No. AF MIDP 017

The Republic of Tajikistan has received grant financing from the World Bank toward the cost of the Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project, and it intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Procurement of Gabion wire mesh. The Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project now invites sealed bids from eligible bidders for AF MIDP 017 Procurement of Gabion wire mesh. The delivery period is 45 of days.

Bidding will be conducted through the international competitive bidding procedures as specified in the World Bank's *Guidelines: Procurement under IBRD Loans and IDA Credits, January 2011,* and is open to all eligible bidders as defined in the guidelines.

Interested eligible bidders may obtain further information from and inspect the bidding documents from the PMU at the address below during office hours from 09:00 a.m. to 16:00 p.m. from Monday to Friday. A complete set of bidding documents in English may be purchased by interested bidders on the submission of a written application to the address below and upon payment of a nonrefundable fee of USD 200 or TJS 950. The method of payment will be in cash or transfer to the following account:

**Orienbank OJSC, Dushanbe, Tajikistan,**
**95/1 Rudaki Ave.**
**Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244**
**Acc. # 20206840616901000423**
**Swift OTJK TJ 22**
**Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA**
**NOW YORK, USA**
**SWIFT CITI-US-33**

**PMU, 4th floor,**
**Mr. J. Tabarov, PMU Director**
**56 Karabaev Str, Dushanbe,**
**Republic of Tajikistan**
**Tel: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;**
**Fax: (992372) 33 13 30;**
**E-mail: office@midp.tj**

The document will be sent by airmail for overseas delivery and surface mail or courier for local delivery, or by email (in PDF).

All bids must be accompanied by a bid security of USD 27,500.00 or an equivalent amount in a freely convertible currency, and be delivered to the address below by May 10, 2012, 02:00 p.m. They will be opened immediately thereafter, in the presence of bidders' representatives, who choose to attend, at the address below. Late bids will be rejected.

**Attention: Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project**
**Address: State Committee on Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan, 27 Shotemur Street**
**Floor-Room Number: 2nd floor, room 22**
**City: Dushanbe**
**ZIP Code: 734025**
**Country: Republic of Tajikistan.**

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1164/2-377 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 52 | 4.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1165/2-378 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Равғани молиданӣ | тонна | 3 | 4.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1166/2-379 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №133, шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 30 | 4.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1167/2-380 | Муассисаи давлатии «Хона- интернати пиронсолон ва маъюбони ш.Ваҳдат» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 30 | 4.05.2012 соати $11^{30}$ |
| 1168/3-224 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири воситаҳои нақлиёт ва техникаи вазнин | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 4.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1169/3-225 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3 | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ошёнаи дуюми лаборатория | тибқи санади нуқсонӣ | | 15.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1170/3-226 | Маркази таълимии «Чароғи Ҳидоят » | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири утоқу долони ҷомашӯйӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1171/3-227 | Корхонаи воҳиди давлатии сохтмони асосии ноҳияи Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони кӯпруки пиёдагард | тибқи ҳуҷҷатҳои дахлдор | | 4.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1172/3-228 | Муассисаи нақлиётии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таҷҳизонидани нақлиёти хизматӣ бо гази моеъ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 4.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1173/3-229 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии «Чорбоғ»» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои якум | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1174/3-230 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.05.2012 соати $11^{30}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

***Название Проекта: Дополнительное Финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры (ДФ ПРМИ)***
***Дата: 23.04.2012***
***Идентификационный номер Контракта: ДФПРМИ 015***
***Источник Финансирования: МАР***

1. Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры приглашает правомочных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения на поставку дизельного топлива.

2. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в офисе: ул. Н. Карабаева 56, Центр управления Проектом, 4 этаж, г. Душанбе, Республика Таджикистан. Телефоны: 233 13 30; 233 14 98. Факс. (992) 233 33 13 30; 233 88 25; адрес электронной почты: office@midp.tj

3. Заинтересованные участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов после направления письменной заявки по указанному выше адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони.

4.Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением на сумму 36 000 сомони и должны быть доставлены по нижеуказанному адресу до 14:00 (местное время), 4 мая 2012. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются и возвращаются невскрытыми Участникам торгов.

5.Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелают присутствовать в $14^{00}$, 4 мая 2012г. в офисе Государственного Комитета по инвестициям и управлению государственном имуществом Республики Таджикистан, по адресу: ул. Шотемур 27, 2 этаж, кабинет 22, г. Душанбе, Республика Таджикистан.




## Эътибор надорад

- Патент дорои РЯМ 1230033622-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 16 январи соли 2009 ба Юнусова Нодира додааст, эътибор надорад.
- Номаи камоли № 0482715-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон соли 2011 ба Фирдавси Бозор додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии № 5404-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2004 ба Латипов Нурулло Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии №06-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2006 ба Алиева Миҷгона додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯш таҳти қайди №6Д-151-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии дуюми шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Қосимов, бинои 5/4, ҳуҷраи 54-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21 январи соли 1993 ба Шарофов Ҷурабек Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи силсилаи Т-ШТУ таҳти №0071765-и гумшуда, ки онро Муассисаи хусусии литсейи «Тиҷорат»-и шаҳри Душанбе 24 июни соли 2005 ба Рахимов Зарифшо Ҷалилович додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии № 1471-и фарсудашуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2009 ба Ҷиёнов Далерҷон Сарабекович додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/1, ҳуҷраи 104 соли 1995 ба Холл Зулфия Негматовна додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1997 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фузулӣ, хонаи 9 ба Саидов Аҳрор Бархонович додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Марказӣ (ҳозира Фирдавсӣ)-и шаҳри Душанбе 5 декабри соли 1997 таҳти реестри 6Д – 3417 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фузулӣ, хонаи 9 ба Саидов Аҳрор Бархонович додааст, эътибор надорад.
- Маълумотнома (ба ҷойи номаи камол) бо қайди 258-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14 июни соли 1997 ба Амиршоева Зулфинисо Ҳалимҷоновна додааст, эътибор надорад.
- Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фрунзе (ҳозира Сино) 24 августи соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/1, ҳуҷраи 104 ба Холл Зулфия Негматовна додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии силсилаи ДО №7415-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Бердиев Акбаралӣ Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии силсилаи ДО №8707-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Ҳайдаров Зафар Умурқулович додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии сеюми шаҳри Душанбе 27 июли соли 1995 таҳти қайди реестри 8Д-5-23 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/1, ҳуҷраи 104 ба Холл Зулфия Негматовна додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0044729-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 11 майи соли 2011 ба Бегова Дилбар Шарифбековна додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ таҳти рақами 0176657 бо РЯМ 0730051117, РМА 075168462, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба Апақулова Муҳаббат Ҳакимҷоновна додааст, эътибор надорад.
- Патенти гумшуда таҳти рақами 0203098 бо РЯМ 0730055196 ва РМА 075663582, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 13 январи соли 2012 ба Ҷӯраев Марид додааст, эътибор надорад.
- Патенти № 0106807 бо РЯМ 0330076735-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2010 ба Абдуламинова Умедахон Юсуповна додааст, эътибор надорад.
- Дипломи силсилаи ТВ-1 № 040437-и гумшуда, ки онро Институти политехникии Тоҷикистон (ҳозира ДТТ ба номи М. Осимӣ) соли 1991 ба Шарипов Искандар Мирзошоевич додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии силсилаи Т №109108-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2008 ба Иброҳим Султонзода додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи ронандагии силсилаи АД №0003197-и гумшуда, ки онро ШБИ ИБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2008 ба Зайниддинов Тоҷиддин Насриддинович додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии силсилаи АЕ №0106093-и гумшуда, ки онро ШБИ РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 сентябри соли 2011 барои автомашинаи тамғаи «Мерседес-Бенс» Е-200, рақами давлатиаш 92-99 АК 01/рт ба Бобобеков Суҳбат Абдушукурович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Шарипов Зиёмудин Муҳидинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0105763 бо РЯМ 0930036745 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 18 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Ғоибов Аъзамҷон Турабоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0145392 бо РЯМ 0930042594 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони тандурустии Тоҷикистон ва директори Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Ҷ.Шехов бинобар вафоти бародараш

**АБДУҒАФОР**

ҳамдардӣ баён намуда, ба аҳли наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 23 апрели соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха

Навбатдори шумора А. Муродов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова